**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел.: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 114/ЗС

аз «30» 07 соли 2024

Агентии назорати маводи
нашъаовари назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдори давлатӣ лоиҳаи болозикр ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ гардидааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, хулосаи зерин манзур карда мешавад:

1) тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда - Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя гардидааст;

2) дар эзоҳ ба моддаи $206^5$ лоиҳаи болозикр уҳдадорӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ пешбинӣ гардидааст;

3) дар лоиҳа маҳдудиятҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст;

4) дар лоиҳа масрафҳои беасос аз низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мушоҳида намегардад;

5) лоиҳа барои ҳалли мушкилот асоснок буда, барои дуруст бандубаст намудани кирдори ҳуқуқвайронкунандаҳо мусоидат менамояд.

Директор Саидзода И.Ҳ.